# ИСТИФОДА АЗ ҲИКМАТҲОИ БУЗУРГОН ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ АҲАМИЯТИ ОНҲО ДАР ТАРБИЯИ АХЛОҚИ ВА ПСИХОЛОГИИ НАВРАСОН

**Кенжаева Гулшода Пардаевна**
рухшиноси матаби таълими миёнаи раками
18-ноҳияи Узун вилояти Сурхондарё

## АННОТАТСИЯ

Мақолаи мазкур барои дар ҷароёни таълим истифода аз панду ҳикматҳои бузургон ва манфиати он дар тарбияи насли наврас равона карда шудааст. Дар нависти ин макола аз суханҳои ҳикматноки бузургон, шоҳбайтҳои бузургон истифода шудааст.

Тарбияи ахлоқӣ яке аз ҷиҳатҳои асосии талаботи имрӯза буда ин мавзӯъ дар осори адибони Шарқ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Истифода аз гуфтаҳои бузургон дар тарбияи мактабиён аҳамияти калон дорад. Агар мо ба истилоҳи «ахлоқ» назар андозем он аз калимаи арабӣ гирифта шуда, маънои ҷамъи хулқ, хӯ, рафтору кирдор, сират ба маънои том хислатҳои писанди инсон бударо ифода мекунад.

Риоя намудан ба меъёр ва талаботи қонун, риоя намудан ба инсонию инсонгарӣ, амал намудан ба гуфтаҳои бузургон ва фарзанди муносиби замон, халқу Ватан, оила будан дорои ахлоқи хуб баҳо дода мешавад.

Дар замони муосири имрӯза ки даври ривоҷи технология ва интернет,зиёд будани маводи ахбори тавассути шабакаҳои интернети хонандаро қадре аз китобу китобхони дур кард.Аз ин ҷиҳат тамоми ахбори имрӯзаи шабакаҳои интернети ба тарбияи наврасон манфиати судбахш дода наметавонад. Интихоби дуруст ва истифода аз он ,гирифтани маълумоти зарури ва дурусти наврасон назорати калонсолон ва омӯзгорон лозим аст.Ҳар як омӯзгор ва ё падару модар ба маънои том имрӯз бояд психолог бошад.Зеро тарбияи насли навраси имрӯза мушкил буда ,дар тарбияи навраси имрӯза вазифаи телефон чи аз нигоҳи салби ва чи иҷобий роли муҳим бозида истодааст.

Албатта, мо наметавонем имрӯз аз воситаҳои ахбори умум батамом даст кашем ва ё насли имрӯзаро аз он дур созем.Ин талаботи давр аст.Аз давру замон дур будан ва ё пас мондан боиси паст рафтани иқтисоду ,ҷамъият мегардад.

Ҳамқадами замон буда.фарзандонамонро дар руҳияи анъана ва қадриятҳои милли,фарзанди муносиби замон будан,фахр намудан бо гузаштагони худ дар ин руҳия тарбия намудан яке аз масъалаҳои асосии талаботи ахлоқи инсони мебошад. Ҳар як навраси имрӯза донад,ки дар гузашта намояндагои адабиёти Шарқ поягузори асосии тамаддани адабиёти Ғарб низ ба ҳисоб меравand. Фарзанд оияндаи оила ва ояндаи давлату миллат мебошад . Тарбияи он асосан ба зиммаи падару модар мебошад. Истифода аз суханҳои ҳикматноки бузургон , мутолиаи китоб, нақли ҳикояту ривоят ва ҳатто афсона дар тарбияи фарзанд аҳамияти калон дорад. Агар ба ҳаёт назар андозем ин гуфтаҳи имрӯз аз эътибор дар канор монда фарзандон дар зери таъсири шабакаҳои интернети вақти асосии худро гузаронида истодааст. Чунин беэътибори ба ояндаи миллат бетаъсир буда наметавонад. Аз ин рӯ, мо омӯзгорон, волидонро зарур аст, ки баҳри таълиму тарбияи хуби онҳо ҳаматарафа ҷидду ҷаҳд намоем. Асосан ба хондани китоб бештар ҷалб намоянд.

Тарбиятгари нахустини кӯдак модар ва бо мурури вақт падар мебошад . Тарбияи нахустини фарзанд мисли кори меъмор аст,ки бузургон фармудаанд:

Хишти аввал чун ниҳад меъмор каҷ,
То ба охир меравад девор каҷ.

Тарбияи дурусти фарзанд, пеш аз ҳама, ба муҳити солими оила вобаста аст. Ин ҷо гуфтаи педагоги машҳури рус А.С. Макаренкоро ба хотир меорем:

«Он муҳити орому осудаи оилавиро, ки барои дуруст тарбия намудани кӯдак ва барои инкишофи меҳру муҳаббат ва эҳтироми якдигарии аъзои оила лозим аст, танҳо рафтори ҷиддӣ ва амалии онҳо фароҳам оварда метавонад».

Қадами нахустини тарбия ба зимаи падару модар буда,қадами бадина ба зимаи мактаб меафтад.Аммо ин маънои онро надорад ,ки мо тарбияро танҳо ба зимаи мактаб гузорему,минбаъд ба тарбияи фарзанд машғул нашавем.Баръакс бо баробари калон шудан масъулият дучанд мегардад. Дар ин маврид истифода аз суханҳои пурҳикмат манфиати калон дорад. Худ истифода аз ин суханҳо касро ба омӯхтан ва хондани китоб водор менамояд. Метавонем гӯем нахустин устод,нахустин дӯст, роҳнамо ин китоб аст,китоб.

Гуфтаҳои шайх Саъдии бузург ,ки метавонем бо фахр гӯем шиори тамоми ҷаҳониён аст:

Бани одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зӣ як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

Ахлоқ,назару нигоҳи инсон ба ҳаёт баробари тараққиёти ҷамъият тағйир меёбад. Аз ин ҷиҳат ахлоқ категорияи доимии тағйирёбанда буда, он бо мурури замон таҷдид ва бо эътибори афкори ҷомеа дастгирӣ меёбад. Дар ҳамин қатор талабот ба ахлоқ, нормаҳо, феълу одат, ғояҳои муайян афзоиш ёфта, ба тарзи пешниҳод нисбати одам чӣ гуна бояд зиндагӣ кунад, дар ҷомеа чӣ тавр рафтор намояд низ қабул карда мешавад.

Ахлоқи наврасони имрӯза ҷомеаро ба ташвиш овардааст.гӯем ҳақиқати ҳол аст. Дар байни ҷомеаит ҷовонони имрӯза даромада омадани "маданияти оммави", дар зери ниқоби дини ислом ба вуҷуд омадани ақидаҳои гуногуни дини, зидди мазҳабӣ, назари ҳисси бадбини нисбати инсон,худписандӣ барин хислатҳо бештар ба назар мерасад. Дар бораи худписандӣ ва кибру ғурур донистан ва истифодаи суханҳои бузургон дар ҷараёни дарс аз аҳамият холи буда наметавонад.

Ин ҷо сухани пурқиммати сардафтари адабиёти тоҷик Абӯабдуллои Рӯдакиро меорем,ки фармудааст:

Гар бар сари нафси худ амири – мардӣ,
Бар кӯру кар – ар нукта нагирӣ – мардӣ,
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фидоае бигирӣ – мардӣ.

Дуруст, талаботи имрӯза ва ё бо ибораи демократия ҳурмату эҳтироми инсон байни инсон, табақакунони, announced нописандӣ дар ҷомеа ривоҷ ёфта истодааст. Агар мо демократияро дуруст нафаҳмему ба насли наврас дуруст тарғиб карда натавонем, оянда ва гузаштаи худро аз даст хоҳем дод.Маҳз дуруст нафаҳмидан ва ё эътибор надодан,дур будан аз китобу китобхони баояндаамон тасъсири худро нагузошта наметавонад. Дар бораи тарғиб намудан ба китобу китобхонӣ аз гуфтаҳои Абдураҳмони Ҷоми қимматтар сухане нест.

Хуштар зӣ китоб дар ҷаҳон ёре нест,
Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.
Ҳар лаҳза аз ҳ ба гҳшаи танҳои ,
Сад роҳате ҳасту ҳаргиз озоре нест.

**Демократия** (юн. demokratia – ҳокимияти халқ), шакли сохтори сиёсии ҷамъият, ки аз рӯи иштироки шаҳрвандон дар кори идоракунӣ, баробарии онҳо дар назди қонун, қатъиян эҳтироми қонун ва дар асоси қонунҳои аз тарафи ҷамъият эътирофшуда кору фаъолият кардан, ҳуқуқҳои сиёсӣ ва озодии шахс аз дигар шаклҳои ҳокимият фарқ мекунад. Дар шакли демократии давлат ба таври расмӣ эътироф кардани принсипи тобеияти ақалият ба аксарият; баробарӣ ва озодии шаҳрвандон, интихобӣ будани органҳои давлатӣ дар назар дошта

мешавад. Дар корҳои идоракунии ҷамъият, инкишофи минбаъдаи қобилияту истеъдоди шахс имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда мешавад.

Дар қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон алалхусус дар Конститутсияи нави қабулкардашуда "Дар бораи маориф»,гирифтани илм,кафолати гирифтани таълими миёнаи бепул аз тарафи давлат баён гардиддаст," Инчуни гуфта мешавад "Давлат нисбат ба ҷавонони боистеъдод пайваста ғамхорӣ карда, онҳоро аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ менамояд ва имкон медиҳад, ки дар беҳтарин муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии ва дигар давлатҳо таҳсил кунанд ва таҷриба омӯзанд". Ин аст демократия ,ин аст ҳокимияти халқи дар Сарқонуни Ҷумҳури манфиати инсон аз манфиати давлат воло гузошта шудааст.

Демократияро бидуни гуманизм тасаввур кардан мумкин нест. Гуманизм асоси хоси бузургон ва авлодони гузаштаи мо мебошад. Мо чи аз нигоҳи дини ислом,чӣ аз нигоҳи инсонӣ аз гуманизм дур буда наметавонем.

**Гуманизм** (аз лот. humanus – одамият, инсонгарӣ) – ин принсипи ахлоқӣ одамро ба дараҷаи баланд қадр мекунад. Дар ҳамин қатор сифатҳои шахсияти одамиро, ки ба принсипи номбурда роҳбарӣ мекунанд, ифода менамояд. Гуманизм – инсонпарварӣ ҳуқуқи одамон, қадру қисммати онон, озодӣ, инкишофи ҳамаҷонибаи шахсиятро ҳимоя мекунад

Халқи мо як лаҳза аз тарбия дур буда наметовад,инак дар бораи тарбия,дар ташаккулёбии шахсият, тарбия, таълим, илму дониш ва муҳитро Саъдӣ муҳим шумоpидааст. Ӯ тарбияро яке аз омилҳои асосии инкишофи шахсият шуморида чунин гуфтааст:

Одамиро, ки тарбият накунанд,
То ба садсолагӣ харе бошад!

Ба ақидаи Фирдавсӣ тарбияи фарзанд бояд аз кӯдакӣ сар шуда, дар ҷавонӣ ба ӯ бояд хунар омӯхт. Ғайр аз ин ба ӯ бояд тарбияи ҷисмонӣ, ақлӣ ва ахлоқӣ дод. Дар овони ҷавонӣ ба бача санъати аспсаворӣ, чавгонбозӣ, шикорчигӣ, шамшерзанӣ, камонкашӣ ва дигар ҳунарҳоро омӯхтан лозим аст.

Ӯ насли наврасро барои ба бар кардани беҳтарин сифатҳои инсонӣ даъват карда хонандаи худро дар рӯҳияи дӯст доштани Ватан ,оила даъват намуда мефармояд:

Биё то ҷаҳонро ба бад наспорем,
Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.

Фирдавсӣ яке аз хислатҳои неки ахлоқии инсонро дар эҳтироми падару модар нисбати фарзанд дида таъкид менамояд.

Чу фармонпазиранда бошад писар,

Навозанда бояд, ки бошад падар.

Ташаккули ахлоқ ё тарбияи маънавии шахсият нафақат ба донистани меъёр, қоида ва принсипҳои ахлоқ, инчунин ҳатман риоя намудан ба онҳо мебошад. Амалӣ гардидани ин **вазифаҳо**, пеш аз ҳама, бар дӯши мактабу муаллимон аст.Таъкиди доими ва такрори бардавом,ба ёд овардани шоҳбайтҳои бузургон ки арзиши умумҷаҳони дорад,далели асосии гуфтаҳои мо мебошад.

Илмат ба амал чу ёр гардад,
Қадри ту яке ҳазор гардад

Тарбияи дудурсти ахлоқи асосан чунин муносибатҳои ташаккули маънавиётро фаро мегирад:

муносибат нисбати ғояҳои Ватан худ: садоқат ба халқу диёр,оилаю ҷомеа; дуруст дарк кардани воқеаҳои дохили кишвар ва байналхалқӣ; расидан ба қадри инсон; оштинопазирӣ нисбати душманони сулҳу озодии халқҳо;

Моҳияти ин гуфтаҳоро Ҳофизи бузург дар мисраҳои зерин баён намудааст:

Осоиши ду гети тафсири ин ду ҳарф аст,
Бо дҳстон мурават,бо душманон мадоро .

• муносибат ба мамлакат ва халқҳои дигар, муҳаббат, дӯстӣ ва бародарӣ ба ҳамаи сокинони он, ҳамфикрии бародарона бо меҳнаткашони ҳамаи давлатҳо, бо ҳамаи халқҳо;

Беҳтарин ва арзишмандтарин сухани Саъди оиди ин мавзӯъ аст:

Ту к-аз меҳнати дигорон беғами,
Нашояд ,ки номат ниҳанд одамӣ.

Рафторҳои манфии айёми бачагӣ, ки бештар аз нофаҳмӣ ,ғурури бачагӣ, камтаҷрибагӣ ба миён меоянд, ба одат табдил ёфта, ба фаъолияти минбаъдаи онҳо таъсири бад мерасонанд. Аз ин сабаб вазифаҳои ислоҳкории тарбияи ахлоқ айёми кӯдакӣ басо муҳим ва масъулиятнок аст.Дар ин маврид истифода аз гуфтаҳои бузургон ва зарбулмасалу мақолҳои халқи аҳамияти калон дорад:

Дар ҷавони саъй кун гар бехалал хоҳи амал,
Мева бенуқсон бувад чун аз дарахти навбар аст.

Аз хурди ба илм ҷалб намудани фарзанд ва дар айёми таҳсил дар мактаб назорати волидон аҳамияти калон дорад. Омӯхтани илм ба қавли шоири бузург Мавлоно Ҷалолиддин Руми инсонро ба шоҳқуллаи ҳаёт мерасонад.

Хоҳи ,ки ҳамеша шоду хуррам боши.
Ҳар ҷо,ки равӣ азизу марҳам бошӣ.
Покиза шаву рост бигӯ илм омӯз.
То тоҷи наберагони Одам бошӣ.

Оиди тарбияи инсон суханҳои мухталиф мавҷуданд. Баъзан суханҳоиро дучор меоем,ки мухолифи гуфтаҳои мо мебошад. Масалан ҳастанд суханҳое,ки касро аз тарбияи ноаҳл ва нокас каоне ки ба онҳо сухан таъсир намерасонад даст кашед.

Партави некон нагирад,ҳар ки бунёдаш бад аст,
Тарбият ноаҳлро чун гирдакон дар гунбад аст.

Мо аз ин байтҳо ба худ хулосаи аз чунин одамонро тарбия намудан даст кашидан не ,балки бо ин мисраъ касро аз чунин ноаҳл будан дур буданро тарғиб намоем. Бо сухан бояд таъсир расонем,зеро сухан аслиҳаи бузургест,ки қудрати бепоён дорад.

Лекин ман ба ин сухан ҳамфикр шуда наметавонам. Ҳар чи бошад,мо омӯзгорон гӯем,ки бпа қавли шайх Саъди :

Муроди м о насиҳаит буду гуфтем.
Ҳаволат бар Худо кардему рафтем.

**REFERENCES:**

1, Лоиҳаи Сарқонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи маориф», моддаи 50-53,
2, Х.Мирзозода “Таърихи адабиёти тоҷик”
3 Осори Рӯдаки. Нашриёти Давлатии Тоҷикистон. – 1958, с. 175.
4. “ Гулшани адаб “
4. Истифода аз манбаъҳои интернети